# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна дар мавзӯи: «Баҳодиҳии маҳсулнокии гӯсфандон аз рӯйи нишондиҳандаҳои биохимиявии хун», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - биохимия пешниҳод шудааст.

Яке аз манбаъҳои асосии истеҳсол намудани пашми хушсифати дар саноат истифодашаванда - ин гӯсфандони зоти тоҷикӣ мебошад, ки пашми нимдрушти сафеди қолинбоб доранд. Қайд гардидааст, ки пашми гӯсфандони зоти тоҷикӣ аз рӯйи таркиби морфологӣ, ҷилонокӣ ва қавигии наххо дар саноати қолинбофӣ, барои истеҳсоли рӯйпӯшҳои патдор ва матоъҳои пашмин ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Ба таври мукаммал омӯхтани ҷараёни мубодилаи модда дар организм ва равон намудани он ба як самти муайян бе донистани ҳаматарафаи хусусиятҳои сафедаҳои таркиби хун имконнопазир мебошад.

Мавзӯи диссертатсияи Муродова М. Ҳ. хеле муҳим буда, дар шароити минтақаи ҷануби Тоҷикистон дар хоҷагии зотпарварии ба номи С. Шерназарови ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон таҳқиқотҳои илмӣ гузаронида шудааст. Яке аз омилҳои муҳим - ин ҷорӣ намудани тестҳои самаранок дар асоси дастовардҳои илми биология мебошад. Барои муайян намудани маҳсулнокии ояндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ тағйирёбии миқдори умумии сафедаҳои зардоби хун, албуминҳо ва глобулинҳо таҳлилҳо гузаронида шудааст.

Истифода бурдани тестҳои биохимиявӣ барои пешгӯйӣ намудани маҳсулнокии ояндаи гӯсфандони зоти тоҷикӣ имкон медиҳад, ки самаранокии корҳои селексионӣ ҳангоми офаридани рамаҳо, шаҷараҳо ва оилаҳои ин зот баланд бардошта шаванд. Унвонҷӯ дар ҷамъоварӣ ва ҷустуҷӯи адабиётҳои зарурӣ ҳангоми гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ ва озмоишгоҳӣ, коркарди оморӣ, таҳлил намудани маводҳои истифодашуда саҳм гузоштааст. Дар кори диссертатсионӣ нишон дода шудааст, ки вобаста ба болоравии синну соли чорвоҳои зери омӯзиш қарор гирифта,

тағйирёбии миқдории фраксияҳои сафедаҳои зардоби хуни онҳо низ тағйир меёбад.

Диссертатсияи Муродова Моҳира Ҳусеновна мувофиқи банди 30-юми фасли 3-юми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯроҳои диссертатсионӣ доир ба "Пешниҳод ва ҳимояи диссертатсияҳо" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои ҳимоя бо мақсади дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биологӣ, аз рӯйи ихтисоси 03.01.04 - биохимия сазовор аст.

Ноиби президенти АИКТ,
доктори илмҳои биологӣ, дотсент Амиршоев Файзулло Сафарович

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061,
ш. Душанбе, куч. Фирдавсӣ, 70 кв.10
Тел.: +992 985 25 00 10
E-mail: afaizullo64@mail.ru

Имзои Ф.С. Амиршоевро тасдиқ мекунам:
Сармутахассис оид ба кадрҳои АИКТ Ахмедова М.М.